ISSN 2181-3187

# СОЙИ КАЛОН ЯКЕ АЗ ТАРИХИ НОМИ ЧОЙИ НАВОИЙ

Институти педагогии Ўзбекистон-Финландия
Толибаи факултети
педагогика ва маданияти ҷисмонӣ
Курси:IV **Худойбердиева Дилноза**
Бо рохбари устоз донишгоҳи
Институти педагогии Ўзбекистон-Финландия
**Н.К.Набиева.**

**Аннотатсия:**

Дар ин мақола дар бораи як деҳаи пурфайзи Қаторкӯҳи Нурато сухан меравад.Асосан дар боаи таърихи деҳа ва аз куҷо омадани аҳолии он навишта мешавад. Дар деҳа корҳои археологӣ ба таври куллӣ бурда нашудааст.То ҳол нафарони каме дар бораи деҳа тадкиқотҳо гузаронидаанд ва дар бораи таърихи он навиштаанд.

**Калимаҳои такягоҳӣ:** Нурато, Моргузар, Эҷ, Қалъаи Феҷак, Спитамен.

Қаторкӯҳи Нурато якеаз шохаҳои занҷиркӯҳҳои Туркистон буда,оғози он тангнои Моргузар (ё “молгузар”,ки бо номи дарвозаи Темур низ шӯҳрат дорад)аст ва ин тангно дар қисми ҷанубии шаҳри Жиззахт (саршавии шоҳроҳи Жиззахт-Самарқанд)воқеъ мебошад.Қаторкӯҳ бо арозии паҳну борик ва пасту баланд то шаҳрчаи Ғазнои Нурато тӯл кашидааст.Баландтарин қуллаи он Ҳаётбошӣ аст,ки баландиаш 2169 метр мебошад.Қаторкӯҳро асосан ду силсилакӯҳ: аз ҷониби шимол Кӯҳи Сиёҳ(Каротоғ) ва аз тарафи ҷануб Кӯҳи Сафед (Оқтоғ)фаро мегиранд.Паҳнои азими байни Кӯҳи Сиёҳ ва Кӯҳи Сафед бештар ба навоҳии Нурато ва Кӯшработ мутааллиқ мебошад.Аҳолии ин минтақа аксаран туркнажод буда ба уруқи ямонтуркманҳо мансубанд.Шуғли ҳамешагии онҳо чорводорӣ, лалмикорӣ ,токпарварӣ ва дар заминҳои сероб деҳқонӣ

аст.Мебояд зикр намуд,ки гузашта аз мардуми туркнажод,дар шаҳарчаи Ғазғон,Деҳибаланд ва Нурато тоҷикон низ зиндагонӣ мекунанд.

Аз назари топономикаӣ баррасӣ намудани асомии ҷуғрофиёни сарзамини фарогирифтаи қаторкӯҳҳои Нурато нишон медиҳад, аз ин маҳдуда аз замонҳои қадими тоҷикон ва аҷдоди онҳо суғдиён ҷойнишин буданд.Ин маҳалҳо,аз қабили Осмонсой,Навкат,Боғдон,Гараша,Хуккала,Чашма,Лангар, Ҷӯш,Қӯшработ,митан ҳоло Ӯзбекнишинанд.

Аз замонҳои қадим камбудии об,хушксолиҳо норасо будани майдонҳои зироатӣ мардумро маҷбур сохтааст,ки барои рӯзгузаронӣ гурӯҳ шуда ба шаҳру ноҳияҳои дигар ба мардикорӣ раванд ё дар суръат ин сарзаминро тарк намоянд.Дар даврони Шӯравӣ бо мақсади азхудкунии заминҳои навкорами Мирзочӯл деҳа деҳа одамонро,ки аксаран тоҷикон буданд,муҳоҷр намуданд.Дар натиҷа,як қатор деҳот,ҳатто беаҳолӣ монданд,аз қабили қишлоқҳои сои Устук ва сои Саврак.Дере нагузашта ба хонаву дарҳои холӣ қабилаҳои кӯчманчӣ муқим шудаанд.

Дар қисмати шимолии қаторкӯҳҳои Нурато бошад,дар доманаи дараҳои зебоманзара аз қадимулайём якчанд деҳаи хурду калони тоҷикнишин арзи вуҷуд мекунанд.Дар ин деҳаҳо ки имрӯз ҳамагӣ ёздаҳто мебошанд,забон ва анъанаҳои миллӣ ба таври комил зинда аст.Шоҳроҳи Навоӣ –Жиззахт,ки як бахши он марказҳои ноҳиявии Нурато мебошад.Ҳангоми омадан аз Нурато, ба самти Фориш аз ҷониби рост рустҳои тоҷикнишин бо асомии Сойхурд (дар нақшҳои ҷуғрофиён ин исми хос таҳрифкорона “Кичиксой”ё “Кескан”сабт шудааст),Эҷ (дар мадорики ин исмро низ иштибоҳан “Каттаич” менависанд), Симбулоқ,Соб,Синтоб,Моҷарм,Андагин,Ҳоят,Ӯхм,Асраф,Порашт қарор мегиранд,ки деҳаҳои Эҷ,Сентоб,Моҷарм,Ӯхм ва Порашт тӯли арз ва аҳолии нисбатан бештар доранд.

ISSN 2181-3187

Агарчӣ ҳангоми номбарии деҳаҳои тоҷикнишини кӯҳпояи Нурато рустҳои Соихурд,Эҷ ва Симбулоқро ҷудо ҷудо ба забон мегиранд,дар асл ин се деҳа як деҳаи бузурги "Эҷ" ё ба истилоҳи маъруфи дигар –"Катта Эҷ"-ро ташкил медиҳад.Инҷунин номи дигари Эж дар байни мардум "Соикалон" мебошад ,ки исми "Соихурд" ба нисбати он падид омадааст.Эҷ деҳаи Соихурдро бо дасти рост ва деҳаи Симбулоқро ба дасти чап дар "бағал" мегирад.

Дар гузашта ҳамон шаҳри қадимаи Форс, ки ҳоло бо номи Эҷ ёд мешавад, бар пояи як дижи маҳкам ва душворгузар бино ёфтааст. Бо мурури замон Эҷ номи шаҳрро гирифта, қалъаи қадима бо навсозиҳои яке аз мулуки Шабонкора Низомиддин Ҳасан ба исми «Дижи Доруламон» иваз мешавад. Тайи чандин садаи мавҷудият бисёр ҳодисаҳои таърихӣ бо ишора ба Эҷ ва қалъаи он маънидод шудаанд. Аз ҷумла, дар соли 1260 ба ғосибони муғул таслим шудани аҳли қалъа аз саҳифаҳои хунин ва нангин ба шумор меравад.Агар муқоиса гардад, деҳаи Эҷи кӯҳпояи Нурато низ айнан ҳамон сарнавишти Эҷи устони Форсро дорад. Фақат, дар ин ҷо як идда ҷанговарони Спитаман, ки дар асл аз як авлод (тоифа) будаанд,маскан гирифта, барои худ паноҳгоҳ дуруст кардаанд. Барои ифодаи ин гуна паноҳгоҳҳо, ки бо девор иҳота мешуданд, он замон вожаи фаъоли суғдӣ – эг ба кор мерафт. Азбаски нуфузи забони арабӣ аз тариқи Бухорою Самарқанд ва Карманаю Нурато то ба манзилҳои кӯҳистонӣ ҳам расида буд ва он забон овози «г»-ро надошт, талаффузи калимаи фавқ ба шакли эҷ сурат гирифт.[1]

Имрӯз деҳаи Эҷ дар таркиби ноҳияи Нурато буда,аз шаҳраки Нурато ба тарафи ҷанубу шарқӣ 110 км фосила дорад.Дар 18-20 километрии деҳа бошад аз тарафи шимол,кӯли Ҳайдар (Айдаркӯл)ба таври мутавозӣ бо шоҳроҳи Навоӣ Жиззахт тӯл кашидааст.

Дар хусуи таърихи деҳоти тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато ҳанӯз корҳои тадқиқотии ҷиддӣ бурда нашудааст.Рҷеъ ба ин сарзамин дар мақолаҳои

[1] ЮНУСИ ИМОМНАЗАР "ДЕҲАИ ЗАРХЕЗ" Нашри илмӣ-адаӣ. Дар шуъбаи табъу нашри нашриёти "Муҳаррир" чоп шуд.

ISSN
2181-3187

саййоҳони рус ишораҳо мавҷуд аст.Аз ҷумла мардумшиносон Б.Х.Кармишева ва Е.М.Пешерева дар солҳои 1959 ва 1960 ба қатокӯҳи Нурато қадам ранҷа фармуда,фикру андешаҳои худро перомуни миллату ақвоми минтақа шуғлҳои аҳолӣ ва урфу одатҳои мардумӣ ва мақолаи илмии “Пажӯишҳои этнографӣ дар хусуси тоҷикони қаторкӯҳи Нурато” дар маҷаллаи “Советская этнография” ба табъ расидааст.



Манбаъҳои хаттӣ ва мардакҳои қадимаи мавҷуд аз он далолат медиҳанд,ки мардуми деҳаи Эҷ таърихи бостонӣ дошта,аҷдоди онҳо аз суғдҳои қадим маншаъ гирифтаанд. Дар фосилаи яку ним клометр аз даромадгоҳи деҳа,дар васати маҷори рӯди деҳа,ки “сой”меноманд,чашмаи серобе ҳаст,ки онро “Чашмаи дари Феҷак”меноманд.Аз самти чапи сой даре оғоз меёбад,ки таҳҷоиҳои онро бо номи “Новаи Феҷак” ба забон мегиранд.Дар пешгоҳи ин дара,болои қуллаи кӯҳ,дар баландии тақрибан 1800 метр аз сатҳи баҳр қалъаи

ISSN 2181-3187

мустаҳками сангине қад рост кардааст.Масоҳати он ҳудуди 3500 метри мураббаъ мебошад.Девори атрофи қалъа аз сангҳои паҳни дарозрӯя сохта шудааст. Қалъа дар баландие сохта шудааст,ки ба он танҳо аз ҷониби ҷануб ба вурудии умумӣ наздик шудан мумкин аст.Қалъа якумин бор аз тарафи прфессор Д.А.Нозилов омӯхта шудааст.Бо баррасии тарҳи қалъа олим хулоса мекунад,ки тарҳи асосии он намои архитектураи суғдиёни қадимро дорад.Пас аз дарвозаи асосӣ роҳе бо арзи ду метр то арзи васат меравад.Дар миёнаҷо ба тарзи амудӣ,дервоҳое ҳаст ва дар ақиби он хонаҳои хурду калон ҷой гирифтаанд.Бино ба хулосаи А.Д.Нозилов,инҳо хонаҳои истиқоматии сарони қабила-Ашрофзодагон, хонаҳои самти чапи роҳрав мансуб ба хизматгарон ва аз самти рост молхонаҳо буданд.Қалъа шакли тухми мурғро дорад ва аз болои он даромадгоҳи деҳа ва идомаи дашти Қизилқум чун кафи даст намоён аст.Аз тарафи ғарбии қалъа,дар қаъри дара чашмае мавҷуд аст,ки тамоми сол обаш ҷорист ва онро чашмаи "Феҷак"меноманд.

Бисёр муҳаққиқон қалъаи Феҷакро ба унвони нахустин нишемангоҳи сокинони деҳаи Эҷ донистаанд.Агар ин тавр аст,табиатан суоле ба миён меояд:аҷдоди тоҷикони ин деҳа чи тар ва аз куҷо мебошанд?

Бино ба сарчашмаҳои таърихӣ, дар соли 329 пеш аз мелод ба сарзамини Осиёи Миёна истилогари юнонӣ Искандари Мақдуни таҷовуз кардааст.Ба муқобили ин таҷовузкор сипаҳсолори Суғд-Сипитамен аҳолии маҳаллиро муттаҳид намуда мубориза мебарад ва борҳо ғалаба мекунад.Аммо ҳамлаҳои паи ҳами душманон ба сарзамини суғдиҳо ва марказҳои он шаҳри Мароқанд ва бар замми он,хоинии аъёну ашрофи суғд боис шуда,ки дар охир истилогарон дастболо мешаванд ва "Спитамен пас аз ҷанги сахте,ки аз ду тарф одамони бисёри кушта шудаанд,ба ақиб нишаст,вале дар он ҷо баъзе қабилаҳои бодянишин хоинона ба ӯ ҳуҷум намуда,сарашро аз тан ҷудо мекунад.[2]

[2] Б.Ғафуров,Тоҷикон,Душанбе"Ирфон",1983,ҷ,1,саҳ130

ISSN 2181-3187

Саҳрое,ки ҷонибдорони Спитамен аз дасти истилогарони Макдунӣба он фирор ва ақибнишинӣ мекунад,дар самти шимоли Мароқанд воқеъ аст.Ин саҳро тавассути қаторкӯҳи Нурато,ки нисбати шаҳр ба таври амудӣ қарор дорад,ба биёбони Қизилқум мепайвандад.Лашкари бе сарвар мондаи Спитамен дигар наметавонвд ба зодбуми худ,ки дар дасти душманон монда буд,баргардад.Бинобар ин онҳо дар дараҳои хушбоду ҳаво ва обшори қисматҳои шимолӣ ва ҷанубии Қаторкӯҳ ва дар дашту саҳрои атрофи он то соҳилҳои диёри Сир гурӯҳ-гурӯҳ ба зиндагии мустақилона мепардозанд.Эҳтимол дорад,пайдоиши деҳоти тоҷикнишини қаторкӯҳи Нурато,минҷумла қалъаи Феҷак,чун бунёни деҳаи Эҷ,ба сукунат ихтиёр намудани суғдиҳои лашкари Спитамен вобаста бошад.



"Қалъаи Феҷак" намуди ҳозира

**Адабиётҳои истифодашуда:**

1.Б.Ғафуров,Тоҷикон,Душанбе"Ирфон",1983

2. ЮНУСИ ИМОМНАЗАР “ДЕҲАИ ЗАРХЕЗ” Нашри илмӣ-адаӣ. Дар шуъбаи табъу нашри нашриёти "Муҳаррир" чоп шуд.

3.”Советская этнография”соли 1964 дар шумораи 1

4.Абдуназари Набӣ “Сарзамине дар доманакӯҳ”

5.Ҳудуд ул-олам (Мовароуннахр тавсифи) / Форс тилидан таржима, сўз боши, изоҳлар ва жой номлари кўрсатгичи муаллифи О. Бўриев. Тошкент, 2008.

6.Ҳермон Вамбери. Бухоро ёхуд Мовароуннаҳр тарихи. Тошкент, 1990.

7.Шарафуддун Али Йаздий. Зафариома / Сўз боши, табдил, изоҳлар ва кўрсаткичлар муаллифи ва нашрга тайёрловчилар: А. Аҳмад, Ҳ. Бобобеков. Тошкент, 1997.